Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

13 январи соли 2024
Шанбе
№ 4
(15015)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


# ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН ҶАМЪОМАДИ ВАСЕИ ШӮРОИ БЕХАТАРИРО БАРГУЗОР НАМУД

***Зери раисии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ Шавкат Мирзиёев 12 январ ҷамъомади васеи Шӯрои бехатарӣ бахшида ба ҷамъбасти фаъолияти Қувваҳои Мусаллаҳ ва секторҳои ҳарбиву маъмурӣ дар соли 2023 ва вазифаҳо баояндаи наздик баргузор гардид.***



Дар чорабинӣ роҳбарони вазорат ва идораҳое, ки ба низоми Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дохил мегарданд, қумондонҳои округҳо, роҳбарони секторҳои ҳарбиву маъмурӣ – Раиси Ҷокарги Кенгеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, инчунин намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ иштирок намуданд.

Дар аввали ҷамъомад роҳбари давлат натиҷаҳои корҳои соли 2023 доир ба минбаъд мустаҳкам намудани иқтидори мудофиавии мамлакат ва инкишофи Қувваҳои Мусаллаҳ анҷом додашударо таҳлил намуд.

Ба фаъолияти вазорат ва идораҳо, мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо дар самти мазкур баҳои танқидӣ дода шуда, маърӯзаҳои роҳбарони масъул шунида шуданд.

Масъалаҳои такомули низоми тарбияи ватанпарварии хидматчиёни ҳарбӣ ва ҷавонон, минбаъд рушд додани артиши миллӣ ва мустаҳкам намудани иқтидори мудофиавии мамлакат, баланд бардоштани самаранокии кори секторҳои ҳарбиву маъмурӣ ва маҷмӯи мудофиавиву саноатӣ муҳокима гардиданд.

Махсус таъкид шуд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва доман паҳн намудани мубориза барои ақлу қалби одамон, пеш аз ҳама насли наврас, накш ва аҳамияти тарбияи ҳарбиву ватанпарварӣ меафзояд.

– Ҳоло ҳар яки мо ватанпарасти ҳақиқии Ватан бошем ва дар ин руҳ ҷавонони худро тарбия намоем, – гуфт Президент.

Бинобар ин роҳбари давлат ба шахсони масъул доир ба таҷдиди назар намудани низоми тарбияи ҳарбиву ватанпарварӣ супоришҳои мушаххас дод. Аҳамияти ба ҷараёни ислоҳот дар мамлакат ҷалб намудани ҷавонон, ба вуҷуд овардани шароит барои татбиқи зарфияти зеҳнӣ ва эҷодии онҳоро таъкид кард.

Ҳоло ҳозир дар пойгоҳи инфрасохтори замонавии Қувваҳои Мусаллаҳ ва мономарказҳо кор бобати тарбияи ҷавонон дар рӯҳи ватанпарварии ҳарбӣ ташкил гаштааст. Роҳбари давлат ногузирии вусъат додани ин чорабиниҳо, роҳандозии таълими касбҳои зарур ба ҷавонон, мадад расондан дар шакли субсид барои оғози фаъолияти меҳнатии онҳоро таъкид кард.

Инчунин вазифаи пурзӯр намудани чорабиниҳои ҳарбиву ватанпарварӣ дар фазои иттилоотӣ бо мақсадҳои мустаҳкам намудани мавқеи шаҳрвандии ҷавонон гузошта шуд.

Баъдан масъалаҳои мустаҳкам намудани иқтидори мудофиавии мамлакат, баланд бардоштани иқтидори ҷангии қӯшунҳо ва инчунин рушди илми ҳарбӣ баррасӣ гардиданд. Сарфармондеҳи Олӣ оид ба минбаъд такмил додани низоми тайёрии ҳарбӣ дар асоси бархурдҳои инноватсионӣ ва илмӣ, татбиқи васеи коркардҳои замонавии ҳарбӣ ва илмӣ дар заминаи табодули ахбор ва қабули қарорҳо вазифаҳо гузошт.

Дар ҷамъомад таъкид шуд, ки амнияти иттилоотӣ ва киберӣ чун вазифаҳои муҳим дар соҳаи таъмини бехатарии миллии мамлакат боқӣ мемонанд.

Ба ин маънӣ ба ногузирии тезондани рақамисозии Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот, муттаҳид намудани тамоми захираҳои иттилоотии вазорат ва идораҳо ба фазои ягонаи бехатарии иттилоотӣ ишора гардид.

Вазифаҳои аввалиндараҷаи ташкили кори низомнок дар артиши миллӣ ва дар байни аҳолӣ оид ба баланд бардоштани ҳушёрӣ ва маданияти рақамӣ дар соҳаи кибербехатарӣ муайян карда шуданд.

Дар ҷамъомади Шӯрои бехатарӣ инчунин вазифаҳои муҳим оид ба рушди минбаъдаи маҷмӯи мудофиаю саноатӣ, такомули низоми муҳофизати сарҳадоти давлатӣ, таъмини бехатарии ҷамъиятӣ ва инчунин баланд бардоштани самарабахшии кор бобати пешгӯӣ ва мониторингҳои вазъиятҳои фавқулода, огоҳии садама ва фоҷиаҳои техноген муайян карда шуданд.

Президент таъкид кард, ки дастгирии иҷтимоӣ ва ғамхории хидматчиёни ҳарбӣ ва оилаҳои онҳо чун самти муҳими сиёсати давлатӣ боқӣ мемонад.

Дар охири ҷамъомад Президент тамоми хидматчиёни ҳарбӣ ва халқи мамлакатамонро ба муносибати 32-солагии таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Рӯзи муҳофизони Ватан самимона табрик намуд, инчунин таманноҳои беҳтарини худро иброз кард.

**ӮзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

# КУРСҲОИ КӮТОҲМУДДАТ КУШОДА ШУД

***Дар доираи «Лоиҳаи баланд бардоштани иқтидори мутахассисони муассисаҳои таълими томактабӣ«, ки аз тарафи Бунёди маркази маҷмааи омодасозии кадрҳо, таълим ва рушди Ӯзбекистон роҳандозӣ гардидааст, курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисоси кормандони низоми таълими томактабии ҷумҳурӣ оғоз ёфт.***

Нахустин чунин курси такмили ихтисос аз 10 январи соли 2024 шурӯъ гардид. Он дар асоси барномаи таълимии тамрин барои мураббиён сурат мегирад. Дар ин курс як гурӯҳ мураббиёни куриёӣ барои 35 нафар мураббиёни оянда машғулиятҳои тамринӣ баргузор намуданд. Он ду ҳафта давом мекунад. Баъди хатми курси аввали такмили ихтисос курсҳои дигар низ дар пайи он идома пайдо хоҳанд кард.

Дар мамлакати мо ин кор бори аввал ба роҳ монда шудааст.

**Шаҳноза ТӮРАЕВА,**
**сармутахассиси Агентии таълими томактабӣ.**

***Маълум аст, ки аввалҳои асри XX дар сарзамини мо ҳаракати ҷадидӣ вусъат ёфта, зиёиёни равшанфикр, ҷонибдорони илму маърифат ва тарзи давлатдории миллӣ баҳри бедории мардум азму кӯшишҳои зиёд кардаанд. Бо ташаббуси сарвари давлат баҳри омӯхтан ва ба авлоди имрӯза дастрас намудани ғояҳои пешқадами ҷадидон чораю тадбирҳо андешида мешаванд.***

# ВОХӮРИИ СЕ АВЛОД

Ба қарибӣ дар хона-музейи Ф.Хӯҷаев дар шаҳри Бухоро вохӯрии се авлод ба амал омад.

Дар тадбир намояндагони шуъбаҳои вилоятии Иттиҳоди нависандагон, Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ, Шурои ҷамоатии назди Вазорати дифоъ, собиқадорони меҳнати назди Вазорати дифоъ, кормандони «Гвардияи миллӣ», хидматчиёни ҳарбӣ ва собиқадорони қӯшунҳои сарҳадии Хидмати бехатарии давлатӣ, сарбозони қисми ҳарбии гарнизони Бухоро, ҷамоаи оркестри ҳарбӣ, талабагони мактаби таълими умумии ихтисосонидашудаи давлатии №29 иштирок карданд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# АРТИШИ ПУРИҚТИДОРИ ЗАМОНАВӢ – ГАРАВИ ҲАЁТИ ОСОИШТА

***Вақте ки мо азму шуҷоати писарони далеру мард ва аз ҳар ҷиҳат баркамолро мебинем, диламон аз ифтихор лабрез мегардад. Посбонони кишварро, ки дахлнопазирии сарҳадҳоро таъмин ва осоиштагии моро ҳифз мекунанд, қадр кардан лозим аст.***

Имсол ба таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ 32 сол пур мешавад. Дар натиҷаи ислоҳоти пайгиронаи давраи кӯтоҳи таърихӣ иқтидори низомии кишвари мо боз ҳам афзун гардид. Дар шууру дили ҷавонони мо ҳисси ифтихор аз артиш, эҳтиром нисбат ба касби пуршарафи муҳофизи Ватан торафт афзун мегардад.

Имрӯз артиши мо таҷрибаи пешқадамтарини сохтмони ҳарбии ҷаҳонро дарбар мегирад. Сохтори таълим дар мактабҳои ҳарбии мо ба куллӣ тағйир меёбад. Дар мактабҳои ҳарбӣ таълиму тарбияи афсарони оянда ба талаботи замони ҳозира комилан ҷавоб дода, дар асоси таълимӣ-техникӣ ва маънавию ахлоқии комилан нав ба роҳ монда шудааст.

Дар натиҷаи фаъолияти бахшҳои ҳарбию маъмурӣ инфрасохтори шаҳракҳои ҳарбӣ ба куллӣ нав шуда, полигонҳои нави таълимӣ барпо шуданд. Натиҷаи ҳамин саъю кӯшиш аст, ки ҳарбиёни мо дар бисёр мусобиқаҳои бонуфузи варзишии ҳарбӣ, дар арсаҳои байналхалқӣ сазовори ҷойҳои бонуфуз ва комёбиҳои намоён гардиданд. Танҳо соли гузашта артиши Ӯзбекистон аз лиҳози иқтидори низомӣ дар Осиёи Марказӣ дар ҷойи аввал ва дар ҷаҳон дар ҷойи 62-юм қайд шудааст.

Дар бораи дигаргуниҳои ин соҳа сухан ронда, қайд кардан бамаврид аст, ки дар ҳафт соли охир ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии муҳофизони Ватан пурзӯр шуда, бисёр оилаҳо бо манзили зист таъмин гардиданд, фарзандони хидматчиёни ҳарбӣ ба муассисаҳои таълими олӣ дар асоси имтиёз дохил шуданд. Дар ин давр ба тарбияи ҷавонон дар рӯҳи ҳарбию ватандӯстӣ диққати махсус дода шуд. Хусусан, дар маҳаллаҳо зиёда аз 24 ҳазор чорабиниҳо гузаронида, ба ҷамъомадҳои таълимии «Мактаби мардонагӣ» бештар аз 5 ҳазор нафар ҷавонон ҷалб карда шудааст.

Ба шарофати корҳое, ки дар асоси тамоюли «Халқ ва армия – як тану як ҷон» ба амал бароварда мешавад, имрӯзҳо шаҳрвандони мо кумаку дастгирии ҳаматарафаи артишро дар тамоми соҳаҳои ҳаёт ҳис мекунанд. Ин, дар навбати худ, барои баланд бардоштани ҳисси ифтихор ба армияамон дар қалби ҷавонон, эҳтиром ба касби пуршарафи муҳофизи Ватан хидмат мекунад.

Ба туфайли ислоҳот дар низоми Қувваҳои Мусаллаҳ нуфузи хидмати ҳарбӣ дар байни ҷавонон хеле баланд гардид. Хоҳиши дар сафи артиши миллӣ ҷой гирифтан боз ҳам пурзӯр шуд. Бо ибораи дигар, хидмат дар сафи армия кори пуршараф гардид.

Дар баробари ин, анъанаҳои ҷанговаронаи бобоёни мо аз қабили Ҷалолиддин Мангубердӣ, Амир Темур, Заҳириддин Муҳаммад Бобур ба қадри кофӣ идома доранд. Албатта, ин беҳуда нест. Зеро онҳо дар замони худ на танҳо ҳукмдори одил, балки фармондеҳони лашкарҳои мағлубнашаванда ҳам буданд. Бисёр корҳои ибратбахши ба таълиму тарбияи ҳаррӯзаи қӯшуни ҳарбӣ, таъмини вазъияти ҷанговарона нигарондашуда анҷом дода шуданд.

Аз ҷумла, Амир Темур ҳарчанд вазифаҳои махсусеро, ки ба вазъи ахлоқию маънавии хидматчиёни ҳарбӣ шуғл меварзанд, ҷорӣ накарда бошад ҳам, мансабдорони ҳарбии ҳамаи рутбаҳо оид ба таълиму тарбияи хидматчиёни низомии тобеи худ кор пеш бурдаанд. Бо ин далел лашкари ҷангии ӯ бо маҳорати стратегӣ ва тактикаи худ комилтарин ва тавонотарин артиши он замон маҳсуб мешуд.

Хулоса карда гуфтан мумкин аст, ки дар натиҷаи ислоҳоту саъю кӯшишҳои дар ҳафт соли охир анҷомёфта, Қувваҳои Мусаллаҳ ба ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеа, гарави боэътимоди суботу рушди кишварамон ва ба як институти муҳими дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани ҷавонон ва хидматчиёни ҳарбӣ табдил ёфтааст.

Имрӯзҳо ҳарбиёни мо дар амал исбот мекунанд, ки аз ҷиҳати дараҷаи тайёрии касбии худ аз ҳарбиёни артиши мамлакатҳои пешқадами ҷаҳон кам нестанд. Онҳо маҳорат, қувваи маънавӣ, азму ирода ва пирӯзмандии худро нишон дода, давомдиҳандагони арзандаи ниёгони бузурги мо будани худро равшан нишон медиҳанд.

Хулоса, барои садоқатмандона ва фидокорона хидмат кардани фарзандони халқи мо дар сафи артиши миллӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Мо ҳам шодем, ки дар сафи артиши миллии мо ҳарбиёни тавоно, доно ва шуҷоатманд хидмат мекунанд, ки ба ҳифзи дахлнопазирии марзу бум, истиқлолияти кишвар ва зиндагии мо қодир ҳастанд.

Воқеан, то даме, ки мо чунин писарони мард ва ҷасур дорем, кишварамон ҳамеша осоишта, осмонамон софу беғубор, парчамамон дар фазо парафшон мешавад.

**Баҳром РАҲМОНАЛИЕВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

# ИСТИФОДАИ САМАРАНОК АЗ ИМТИЁЗҲО

***Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Asadbek Sifat Savdo»-и ноҳияи Қӯнғироти Ҷумҳурии Қароқалпоқистон бо ташаббуси соҳибкор Алишер Ёқуббоев соли 2013 бо мақсади ба аҳолӣ хидмати босифат расондан ташкил гардида буд.***




*Соҳибкор соли 2019 аз имтиёзҳои аз тарафи давлат додашуда босамар истифода бурда, бо кумаки кредити бонк дар 8 сотих майдон фаъолияти дукони савдои дуошёна ва сехи истеҳсоли мебелро ба роҳ монд. Алҳол дар корхона 15 нафар бо кори доимӣ таъмин мебошанд.*

*Бино ба фармони роҳбари давлат «Дар бораи чорабиниҳое, ки ба роҳандозии ҳамкории мутақобилан судманд бо субъектҳои соҳибкорӣ ҷиҳати коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ нигаронида шудаанд» аз 12 июни соли 2023, дар мамлакат барномаи «20 ҳазор соҳибкор – 500 ҳазор мутахассиси соҳибмалака» кор карда шуд. Ба рӯйхати барномаи мазкур дар қатори субъектҳои соҳибкории Қароқалпоқистон ҶММ «Asadbek Sifat Savdo» низ дохил гардид. Имрӯз корхона аз имтиёзҳои додашуда истифода бурда, ба ивази кредит аз хориҷ ускунаҳои нав оварда, ҳаҷми истеҳсоли мебелро афзун мегардонад ва ҷойҳои нави корӣ фароҳам меорад.*

***Дар сурат:*** *дар ҶММ «Asadbek Sifat Savdo».*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ. ӮзА.***

# ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ ВА ТАРБИЯИ ҶАВОНОН ДАР РӮҲИ ҲАРБИЮ ВАТАНПАРВАРӢ

***Ҳамчун ислоҳоти пурсамар 32 сол пеш аз ин дар Ӯзбекистон Қувваҳои Мусаллаҳ ташкил карда шуда буд. Қувваҳои Мусаллаҳ дар тӯли ин солҳо ба комёбиҳои беназир ва натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардид. Пеш аз ҳама дар кишвар сулҳу амният, бехатарии сарҳадҳо, ҳаёти осудаву хушбахтонаи мардум таъмин карда шуд. Бо сарфарозӣ метавон гуфт, ки имрӯз ҷавонон дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар сарбаландона адои хидмати Модар-Ватан карда, саҳми худро дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти амнияти сартосарӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ гузошта истодаанд.***



Имрӯз аз чеҳраи ҳар як сарбози Ватан эҳсос мегардад, ки онҳо дар дифои марзу буми аҷдодӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва қиматтар аз ҳама, амнияти сартосарӣ ҷавонмардона бо сидқу вафо хидмат менамоянд.

Дар воқеъ, Қувваҳои Мусаллаҳ ташкилоти ҳарбии давлат ва маҳаки сохтори мудофиавии мамлакат буда, барои ҷилавгирии моҷароҳои ҳарбӣ, инчунин таъмини амнияти ҳарбии давлат ташкил карда шудааст. Фаъолият, вазифаҳои Қувваҳои Мусаллаҳ тавассути Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, "Доктринаи мудофиа« ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ба тартиб даровардa мешавад. Ба таркиби Қувваҳои Мусаллаҳ мақомоти идоракунӣ, лашкар, сохтори ҳарбии Вазоратҳои мудофиа, корҳои дохилӣ, вазъиятҳои фавқулода, хидмати амнияти давлатӣ ва дигар идораҳо, инчунин Гвардияи миллӣ дохил мешаванд. Роҳбарии мудофиаи мамлакат ва Қувваҳои Мусаллаҳро Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон — Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба амал мебарорад.

Хидмати ҳарбӣ намуди алоҳидаи хидмати давлатист, ки шаҳрвандони Ӯзбекистон дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ уҳдадории ҳарбиашонро иҷро мекунанд. Ба хидмати ҳарбӣ шаҳрвандони солашон ба ҳаждаҳ расида, бино ба саломатиашон барои хидмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ лоиқ даъват карда мешаванд.

Ҷавонон мехоҳанд, ки баъд аз хатми мактаб, литсей, ё коллеҷ ба хидмати ҳарбӣ рафта, қарзи шаҳрвандиро адо намоянд. То имрӯз ҷавононӣ бисёр ба хидмати ҳарбии яксола, якмоҳа ҷалб карда шудаанд. Ҷавонон ва кулли мардум медонанд, ки Ӯзбекистон Артиши миллии пурқудрат дорад. Ватанро чун Модар ва гавҳараки чашм ҳимоя намудан ва ба рушду нумӯи он бомеҳру муҳаббат, сидқу вафо саҳм гузоштан орзуву умеди дар қалб маъвоёфтаи ҳар як инсони кӯчаку бузург ба шумор меравад. Дуруст гуфтаанд, ватандӯстӣ эътиқод аст ва касеро маҷбуран ватандӯст кардан имкон надорад, вале арзишҳои ватандӯстиро дар тафаккури шаҳрвандон ҷой намудан ва ин арзишҳоро ба эътиқоди онҳо табдил додан имконпазир аст. Ин раванди мушкил ва ҳамешагист. Яъне ба тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон ба тарзи бефосила, бетанаффус ва ба таври доимӣ машғул бояд шуд. Дар ин масири мушкил давлату миллате муваффақ мешавад, ки беҳтарин қувваҳои зеҳнӣ ва илмию фарҳангии худро ба ин ҷода сафарбар менамояд.

Аз рӯзи нахусти таъсис то имрӯз ба такмили сохтори ташкилӣ ва низоми ҷойгиркунии Қувваҳои Мусаллаҳ, муҷаҳҳаз гардонидани қӯшунҳо бо аслиҳа ва техникаи муосир, омодагии ҷангӣ ва тайёр намудани кадрҳои ҳарбӣ, такмили маҳорати касбии онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Бо ҷонибдорӣ ва ташаббуси Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев Академияи нави Қувваҳои Мусаллаҳ ташкил карда шуд, фаъолияти омӯзишгоҳҳои ҳарбӣ такмил ёфт. Дар сохтори Қувваҳои Мусаллаҳ шуъбаҳои ибтидоии Иттифоқи ҷавонон ташкил карда шуданд. Дар мактабҳои таълими миёна, литсей, коллеҷ ва дигар муассисаҳои таълим тарбияи ҳарбию ватанпарварӣ ба роҳ монда шуд. Ба ғайр аз ин, дар Ӯзбекистон "Темурбеклар мактаби« таъсис ёфт. Тарбияи ватанпарварӣ аз оила оғоз ёфта, он минбаъд дар масканҳои таълими томактабӣ, мактабӣ ва ғайра қавитар гардонида шуд. Дар мактабҳои миёнаи таълими ҳамагонӣ, алалхусус, аз соли 2017 таълими фанни "Омодагии ҳарбӣ« ҷорӣ карда шуд. Донишомӯзони синфҳои 10-ум ва 11-ум ба воситаи омӯзиши фанни мазкур аз ҷавонӣ мафҳуми тарбияи ҳарбию ватанпарвариро ба хубӣ эҳсос намуда, бо шасту шуҷоъ ба ҳимояи Ватан ҳозир буданро дарк менамоянд.

Ислоҳоти пурсамари Қувваҳои Мусаллаҳ халқ ва армияро бо ҳам наздик намуд. Халқ ва армия бо матлаби накуи "Халқ ва Артиши миллӣ – як тану як ҷон« ҳамкориҳои манфиатоварро идома медиҳанд. Барои ҷавонон ва падару модарон дару дарвозаҳои Артиши миллӣ боз аст. Падару модарон дар вақти дилхоҳ ба аёдати фарзандони ба хидмати ҳарбӣ ҷалбшуда мераванд.

Ҳамчун яке аз корҳои муҳим кӯшишҳои бунёди манзилҳои замонавӣ барои хизматчиёни ҳарбӣ, таъмири фонди мавҷудаи манзил, бунёд ва азнавсозии шаҳракҳои муосири низомиро номбар кардан мумкин аст. Имрӯз дар Вазорати мудофиа зиёда аз бист муассисаи табобатӣ-профилактикӣ, ки бо таҷҳизоти замонавии тиббӣ муҷаҳҳаз ва бо кадрҳои баландихтисоси тиббӣ таъминанд, шумораи зиёди марказҳои тиббӣ, ки ҳалқаи аввалиндараҷаи системаи хидматрасонии тиббӣ мебошанд, инчунин санаторияҳои ҳарбӣ ва ғайра мавҷуд.

Тайёрии ҷангӣ ва обрӯи Қувваҳои Мусаллаҳ сол то сол меафзояд, ки ин дар мусобиқаҳои дар арсаҳои байналмилалӣ баргузоршаванда низ аён мегардад. Дастаҳои Вазорати мудофиа чанд сол боз дар Бозиҳои байналмилалии артиш ҷойи ифтихориро ишғол намуда, дар мусобиқот беш аз даҳ рекордро қайд карданд.

Хулоса, ҳар як ҷавоне, ки хидмат дар Қувваҳои Мусаллаҳро орзу мекунад, бояд аз хурдсолӣ ҷисмонан бақувват буда, ҳамеша бо варзиш машғул шавад, ҳамаи фанҳои мактабиро пухта аз бар карда, аз вақти холӣ пурсамар истифода намуда, дар озмунҳо иштирок карда, ҳамеша барои комёбию муваффақият бикӯшад. Бо ифтихор бояд гуфт, ки дар натиҷаи такмили соҳаи мудофиа ва таваҷҷуҳ ба ин соҳа ҷавонони имрӯза хидмат карданро дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ на танҳо ҳамчун қарзи шаҳрвандӣ, балки ҳамчун як ихтисоси ҳарбӣ қабул мекунанд. Вақтҳои охир дар асоси озмун гузаронда шудани даъват ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ далели равшани ин аст.

Ба муносибати таъсиси 32-юмин солгарди Қувваҳои Мусаллаҳ ва ҷашни мутантани 14 январ – Рӯзи муҳофизони Ватан, Артиши миллӣ, хидматчиёнӣ ҳарбӣ, ҷавонон ва тамоми шахсони ватандӯсту ватанпарварро аз номи депутатҳои Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, Ҳизби "Адолат«, Кумитаи мудофиа ва масъалаҳои амният, профессорон-омӯзгорони Донишгоҳи амнияти ҷомеавӣ табрику таҳният менамоям.

Осмони диёрамон мусаффо ва дар тамоми гӯшаву канори кишварамон сулҳу осоиштагӣ, фаровонии ҳаёт ҷовиду бардавом бошад. Эҳсоси ватандӯстӣ ва ватандорӣ чун нурҳои хуршеди партавфишон дар дилу дидаҳо маъво ёфта бошад.

**Таваккал ЧОРИЕВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис,**
**узви Кумитаи мудофиа ва масъалаҳои амният.**

14 январ – Рӯзи муҳофизони Ватан



# ҲИМОЯТГАРОНИ ВАТАН

***Артиши миллии мо ба қисми ҷудонопазири ҷамъият, ба қувваи пешбари ояндаи кишвар табдил гардида, барои дар рӯҳи ватандӯстӣ тарбия намудани насли наврас ва хидматчиёни ҳарбӣ, мустаҳкамкунии мавқеи фаъоли ҳаёти онҳо, баланд бардоштани ҳисси масъулиятнокии шаҳрвандон хидмат менамояд. Ҳифзи Ватан новобаста ба синну сол, касб ва фаъолият вазифаи шарафноки ҳар як шаҳрванд мебошад.***

Ҳар сол дар мамлакатамон 14 январ – Рӯзи муҳофизони Ватан васеъ ҷашн гирифта мешавад. Чорабиниҳои дар арафаи ин иди умумхалқӣ баргузоршуда, меҳру муҳаббати насли наврасро нисбат ба Модар-Ватан афзуда, ба тарбияи онҳо дар рӯҳи садоқат ба Ватан, ғояҳои истиқлол омили муҳим мегарданд.

Дар Академияи Қувваҳои Мусаллаҳи ҷумҳурӣ бо ҳамкории Иттиҳоди эҷодии журналистон таҳти шиори «Артиши миллии мо – сипари мустаҳками Ӯзбекистони Нав» чорабинии маданиву маърифатӣ баргузор гардид.

Дар ҷамъомад намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ, собиқадорони Вазорати мудофиа, устодон ва курсантҳои академия иштирок карданд.

Иҷрокунандаи вазифаи раиси Иттиҳоди эҷодии журналистон Холмурод Салимов таъкид намуд, ки солҳои охир бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани салоҳияти ҷанговаронаи Қувваҳои Мусаллаҳ аз ҷониби Сарвари давлат зиёда аз даҳ қарору фармон имзо шудаанд. Барои баланд бардоштани нуфузи хидмати ҳарбӣ масъалаҳои ҳимояи иҷтимоии аъзоёни оилаи хидматчиёни ҳарбӣ ва собиқадорон ҳаллу фасл мешаванд.

– Артиши миллиамон сол аз сол такмил ёфта, дараҷаи тайёрии қӯшунҳои он ҳам аз ҷиҳати техникӣ ва ҳам аз ҷиҳати тактикӣ баланд мегардад. Имрӯз хидмат дар сафи Артиши миллӣ орзуву омоли ҳар як ҷавонмарди мамлакат мебошад. Хидматҳои низомиёнро халқу Ватани мо ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳад кард. Солҳои охир ҳукумати ҷумҳурӣ барои беҳтар намудани аҳволи иҷтимоии низомиён ғамхориҳои зиёд зоҳир мекунад. Соли ҷорӣ ба чандин низомиён калиди хона супурда шуд, – гуфт роҳбари академия Бобур Шоёқубов.

Дар ҷамъомад Б. Шоёқубов доир ба хидмати ҳарбии худ дар даврони шӯроҳо, бартарияту афзалиятҳои хидмату фаъолияти ҳарбиёни имрӯза, ислоҳоте, ки солҳои охир таҳти сарварии Президент Ш. Мирзиёев дар соҳа ва Артиши миллӣ амалӣ мешавад, мақсаду моҳияти қарору фармонҳои сарвари кишвар вобаста ба Қувваҳои Мусаллаҳ ҳарф зад.

Дар поёни чорабинӣ мутасаддиён ба саволҳои ходимони воситаҳои ахбори оммавӣ ҷавоб гардонданд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

## *ХАБАРҲО*

### ҶАРО ДАР РОҲҲО НОХУШӢ РӮЙ МЕДИҲАД?

***Чанде пеш раиси Кумитаи мудофиа ва масъалаҳои амнияти Сенат Қутбиддин Бурҳонов доири ҳодисаҳои нохуши роҳ дар мамлакат сухан ба миён оварда, тӯли моҳҳои январ-июли соли 2023 дар натиҷаи рӯй додани садамаи дараҷаҳои гуногун ҳалок шудани 1115 нафар шаҳрвандонро маълум намуда буд.***

Баъдтар дар давоми 8 моҳ ҳалокшудагон ба 1415 нафар расиданд. Инак, вазъият дар роҳҳои автомобилӣ давоми 11 моҳи соли сипаришуда баррасӣ шуд ва қайд гашт дар ин муддат ҷамъ 2080 нафар ҳалок шудаанд. Ба воқеаҳои нохуш сабабҳо зиёд. Вале кумита маълум кардааст дар рӯй додани ҳодисаи нохуш дар роҳҳо асосан худи ҷабрдидагон айбдор, ки ба қоидаҳои ҳаракат дар роҳ риоя насохта ва беэҳтиётӣ намудаанд. Ҷуз ин аз сабабҳои объективӣ низ чашм пӯшида намешавад, ки онҳо: ташкил нашудани ҷойи гузар ба пиёдаҳо, набудани хат ё монеаҳо, ки роҳро ба ду тақсим мекунанд, носозии роҳ, ташкил нашудани гузаргоҳ барои велосипедронон, мавҷуд набудани нишона ва аломатҳои роҳ, гузошта нашудани чароғакҳои раҳнамо дар ҷойҳои даркорӣ ва ҳоказо. Рақамҳои ташвишангез водор мекунанд ба беэҳтиётӣ ва бемасъулиятӣ дар ин масъала роҳ нагузорем, гуфта мешавад дар маълумоти кумита.

### БАРОИ ҚОНЕЪСОЗИИ ЭҲТИЁҶ БА ДОРУВОР

***Мувофиқи қарори роҳбари давлати мо "Дар бораи чораҳои иловагии боз ҳам равнақ додани сохтори фарматсевтикӣ ва тезонидани амалисозии лоиҳаҳои сармоявӣ« дар ҳудуди кластери фарматсевтикии илмӣ-истеҳсолӣ ва инноватсионии "Tashkent Pharma Park« 60 гектар майдон барои барпои "Кластери биотехнологияҳо« ҷудо карда мешавад.***

Мувофиқи ин ҳуҷҷат, ҳар сол то 1 декабр бо назардошти эҳтиёҷоти муассисаҳои тиббӣ барои соли оянда талаб ва эҳтиёҷот ба дорувор ташаккул дода ва дар сайти интернет ҷойгир карда мешавад.

То ҷамъбасти соли 2024 анборҳои ташкилотҳои ҳудудии тиббӣ дар асоси "Амалиёти нигоҳдории зарурӣ« ташкил ва барои расонда додани воситаҳои доруворӣ термолабилӣ анборҳо бо нақлиёти махсуси боркаш таъмин карда мешаванд.

### ДЕМОНТАЖ ДАР БИНОИ ТАЪРИХӢ

***Гирду атрофи собиқ корпуси кадетӣ дар ҳудуди Институти тиббии Тошканд (ТошМИ-и кӯҳна), ки яке аз ҷойҳои таърихӣ аст, бо панҷара печонда шуд. Демонтажи ин бинои таърихӣ оғоз ёфт. Фармоишгар – КУД "Хидмати фармоишии ягона« дар ҳузури ҳокимияти шаҳри Тошканд мебошад. Пудратчӣ – "Трест-12«***

Бинои асосие, ки дар он клиникаи сеюми Институти тиббии Тошканд то вақтҳои наздик ҷойгир буд, барои филиали Донишгоҳи тиббии миллӣ-тадқиқотии Русия ба номи Н.И.Пирогов омода карда мешавад. Интизор меравад дар ин ҷо дарсҳо аз сентябри соли 2025 оғоз ёбанд.

**М. ШОДИЕВ, мухбири "Овози тоҷик«.**

*Маркази хидматрасонии давлатии ноҳияи Кегейлии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон соли 2023 дар арафаи 32-солагии истиқлолияти мамлакатамон ба истифода супурда шуда буд. Ҳоло дар марказ ба аҳолӣ беш аз 300 намуди хидмати давлатӣ расонда мешавад. Дар ин ҷо барои коргарону хидматчиён ва корафтодагон ҳамаи шароит фароҳам оварда шудааст. Майдончаи баҷаҳо, кассаи махсус барои пардохти боҷи давлатӣ, китобхонаи хурд, Wi-Fi-и бепул ташкил карда шудааст.*

*Дар марказ бо кумаки технологияи ахбори замонавӣ ба шаҳрвандон хидмати босифат, тезкор ва шаффоф расонда мешавад.*



***Дар сурат:** маркази хидматрасонии давлатии ноҳияи Кегейлии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ. ЎзА.***

## *ТОМАШ ЗДЕХОВСКИЙ:*

# МАН БА САРВАРИИ ӮЗБЕКИСТОН БИНОБАР ТАТБИҚ СОХТАНИ РӮЗНОМАИ ИҚЛИМ БАҲОИ БАЛАНД МЕДИҲАМ

***Раиси ҳайати Парлумони Аврупо оид ба робита бо давлатҳои Осиёи Марказӣ, узви гурӯҳи сиёсии «Ҳизби халқии Аврупо» (демократҳои масеҳӣ) Томаш Здеховский дар гузоришаш ба АИ «Дунё» бинобар бо ташаббуси Ӯзбекистон қабул гардидани Баённомаи Ассамблеяи генералии СММ «Осиёи Марказӣ дар рӯёрӯйи таҳдидҳои экологӣ: мустаҳкам гардидани ҳамдилии минтақавӣ барои рушди устувор ва шукуфоӣ»-ро тавзеҳ дод.***

– Қабул шудани баённомаи Ассамблеяи генералии СММ «Осиёи Марказӣ дар рӯёрӯйи таҳдидҳои экологӣ: мустаҳкам гардидани ҳамдилии минтақавӣ барои рушди устувор ва шукуфоӣ», ки аз ҷониби Ӯзбекистон пешниҳод гардид, дар ҳаллу фасли мушкилоти рӯзмарраи экологӣ, ки дар назди минтақа истодаанд, қадами муҳим ба шумор меравад. Ман ба сарварии Ӯзбекистон дар татбиқсозии рӯзномаи иқлим дар Осиёи Марказӣ ва иқдоми рушди устувори он баҳои баланд медиҳам.

Эътироф гардидани ташаббусҳои Ӯзбекистон дар баённома,аз ҷумла «Рӯзномаи сабз барои Осиёи Марказӣ» ва баргузор намудани Анҷумани байналхалқии вобаста ба иқлим дар Самарқанд, ки соли 2024-ум баргузор мешавад, шаҳодати эътиқоди мамлакат дар мубориза бо тағйироти иқлим ба шумор меравaнд. Эътибори Ӯзбекистонро нисбати нармтар сохтани оқибатҳои хушкшавии баҳри Арал, ки ба муҳити атроф ва ҳаёти мардуми минтақа таъсири нохуб дорад, ба хусус муҳим мешуморам. Созмон дода шудани Бунёди бисёршарики трастии СММ оид ба амнияти инсонӣ дар минтақаи Наздиарал барои ҳаллу фасли ин мушкилоти муҳим қадами бағоят саривақтӣ маҳсуб меёбад.

Даъвати баённома ба ҳамкории байналхалқиву минтақавӣ баҳри ҳалли таҳдидҳои ҷиддии экологӣ, ки дар назди Осиёи Марказӣ истодаанд, аҳамияти махсус дорад.

Ман аз тамоми кишварҳо ва ҷонибҳои манфиатдор даъват ба амал меоварам, ки барои татбиқ шудани тавсияҳои баённома, ки аз ҷумла рушди устувори хоҷагии қишлоқ, манзараҳо, истифодаи сарфакоронаи захираҳои об, самаранокии энергия, коркарди партовҳо, рушди устувори сайёҳӣ, шаҳрҳои «боақл» ва нақлиёти муттасил якҷоя кор баранд.

Фоҷиаҳои вобаста ба иқлим, ки дар гузашта ба сари Осиёи Марказӣ омадаанд, аз зарурияти ба роҳ мондани саъю кӯшишҳои таъҷилӣ хотиррасон мекунанд. Мо бояд роҳи барқарор кардани баҳри Аралро, ки замоне ҳавзаи зебои об буд, дарёбем, ҳамзамон рушди устувори кишоварзӣ ва саноатии минтақаро таъмин кунем.

Роҳ ҷониби Осиёи Марказии «сабз» ва устувор равшан аст ва ман бовар дорам, ки ба шарофати кори роҳбарияти Ӯзбекистон ва ҳамкориҳои байналхалқӣ мо метавонем ба ин мақсади худ бирасем.

**АИ «Дунё»,**
шаҳри Брюссел.

# ҚУДРАТИ МО — ДАР ЯГОНАГИИ АРТИШ ВА ХАЛҚ

***Дар вилояти Сурхондарё дар доираи Ҳафтаи ватандӯстӣ, ки ба муносибати 32-юмин солгарди таъсисёбии Нируҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Рӯзи муҳофизони Ватан баргузор мегардад, чорабиниҳои ҳарбию ватандӯстӣ ва маънавиву маърифатӣ ташкил карда мешаванд.***

Яке аз чунин чорабиниҳо дар маҳаллаи «Намуна»-и ноҳияи Ҷарқӯрғон бо иштироки хидматчиёни ҳарбии қисмҳои ҳарбии горнизонҳои Тирмиз ва Какайдин, ки дар ихтиёри Округи махсуси ҳарбии Ҷанубу Ғарб қарор доранд, баргузор шуд. Шиори он «Артиши Ӯзбекистони Нав – рамзи иқтидори мамлакат, ғурури олӣ ва садоқат» буд.

Чорабиние, ки дар он ҷавонон ва сокинон ширкат ҷустанд, бо қадамзании идонаи ҳарбиён дар кӯчаи маркази маҳалла оғоз ёфт. Дар мулоқоте, ки дар мактаби рақами 21-ум доир гардид, аз хусуси дигаргунӣ ва тағйиротҳое, ки дар низоми мудофиаи кишвари мо ба вуқӯъ меоянд, сухан рафт. Қайд шуд, ки дар замони нооромии кунунӣ артиши Ӯзбекистони Нав тимсоли иқтидори мамлакати мо, шаҳодати садоқат ба Ватан мегардад.

– Чорабиниҳои мазкур, ки дар маҳаллаҳо созмон дода мешаванд, ягонагии халқ ва артишро равшан намоиш медиҳанд, – гуфт раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Намуна» Шералӣ Иброҳимов. – Дар партави воқеаҳое, ки дар гӯшаву канори мухталифи ҷаҳон ба амал меоянд, чунин ҳамдиливу ягонагӣ ҳаёти орому осудаи моро таъмин хоҳад кард. Чорабинии мазкур низ маҳз ба ин мақсади нек хидмат мекунад. Ба ноҳияҳои дурдаст сафар кардани хидматчиёни ҳарбӣ дар шуури аҳолӣ, бахусус ҷавонон, эҳсоси муҳаббат ва садоқат ба Ватан, эҳтиром ба суннатҳои умумиинсонӣ, ифтихорро аз он, ки мо дар мамлакати орому шукуфон зисту зиндагӣ дорем, мустаҳкам менамояд.

Дар доираи тадбир, ки ҷасорат, садоқат ба Ватан, меҳру мурувват, ягонагӣ ва ҳамҷиҳатии халқ васф шуданд, ҷанговарон ба аёдати собиқадорон ва меҳнаткашони ақибгоҳ, пирон ва ногироён рафта, бо онҳо суҳбатҳои самимӣ баргузор карданд.

Дар чорабинӣ ҳамчунин баромади намоишии аскарон пешниҳод гардид. Дар иҷрои оркестри ҳарбӣ сурудҳо дар бораи Ватан, ягонагӣ ва ҳамҷиҳатии халқ садо доданд. Ҳамчунин барномаи консертӣ, ки аз ҷониби ҷавонони соҳибистеъдоди маҳаллаҳо тайёр карда шуданд, ба вуқӯъ пайваст.

Чорабиниҳои ҳарбиву ватандӯстӣ ва маънавиву маърифатӣ дар доираи Ҳафтаи ватандӯстӣ идома доранд.

**Холмуъмин МАМАТРАЙИМОВ,**
**хабарнигори ЎзА.**

*Сӯгворӣ*

# ДӮСТИ РӮЗНОМА



Як пойи доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҳамидҷон Ҳомидӣ, ба қавле, дар идораи рӯзномаи «Овози тоҷик» буд.

Хонандагони рӯзнома бо мақолаҳои пурмуҳтавои олими фирдавсишинос ошноянд. Устод тӯли чанд соли охир доир ба чеҳраҳои илми Ӯзбекистону Тоҷикистон мақолаҳои зиёде ба дасти чоп додаанд. Ҳамидҷон Ҳомидӣ ҳамеша нуқтаҳои пайванди халқҳои ба ҳам дӯсту бародар – тоҷику ӯзбекро, ки тӯли асрҳои зиёд дар канори ҳам ба сар бурдаанду мебаранд, мечуст.

Олими заҳматписанд, баъди шодравон Ҷонибек Қувнок, тайи чанд сол бори вазифаи раиси Шӯрои адабиёти тоҷик дар назди Иттифоқи нависандагонро бар ӯҳда дошт. Дар ин солҳо бо саъю кӯшиши ӯ аз адибони тоҷики ҷумҳурӣ чанд тан ба узвияти Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон пазируфта шуданд, пас аз муҳокимаҳои тӯлонӣ китобҳояшон рӯйи чопро дид.

Ҳамидҷон Ҳомидӣ чанд сол дар Донишкадаи (ҳоло донишгоҳ) давлатии педагогии ба номи Низомии Тошканд ба ҳайси роҳбари кафедраи адабиёти муосир ва классикии ӯзбек фаъолият дошт. Дар давоми ин солҳо бисёр олимони ҷавон таҳти роҳбарии ӯ рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ ҳимоя карданд. Ба кадрҳои илми Тоҷикистон низ раҳнамоӣ кардааст. Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академик Абдуҷаббор Раҳмонзода аз устод шукргузор аст, ки ба ӯ дар дифои рисолаи номзадӣ аз наздик кумак расондааст.

Устод дар идораи рӯзномаи «Овози тоҷик» боре ёдовар шуда буд, ки ӯ ҳанӯз овони мактабхонӣ бо рӯзнома алоқамандии зиёд дошт. Бо кумаки устодонаш хабару мақолаҳои зиёди ӯ дар рӯзнома чоп шудаанд. Дар тӯли умр ҳар сол солона обуна шудани ӯ ба «Овози тоҷик» аз муҳаббаташ ба забони модарӣ ва адабиёту фарҳанги тоҷик гувоҳӣ медиҳанд.

Дареғ, ки риштаи умри ин олими пурмаҳсул, донандаи нуктаҳои борик, фирдавсишиноси забардаст, тарҷумони моҳир 12 декабри соли равон дар синни 89-солагӣ гусаст.

Тӯли солҳои охир чанд китоби илмии ӯ ба мисли «Ҳикояти чилу панҷ аллома», «Шуҳрати «Шоҳнома», «Мутафаккирони Шарқ», «Алломаҳои тасаввуф», «Тароватӣ бӯстони ҳамешасабз» ва «Тасаввуф» (аз Қаранӣ то Рушдӣ) ба рушди адабиёт хидмат мекунанд, рӯйи чоп диданд. Барандаи ордени «Дӯстлик» ва дигар мукофотҳои давлатӣ Ҳамидҷон Ҳомидӣ 4 октябри соли 1935 дар шаҳри Косонсойи вилояти Наманган таваллуд шудааст.

Рӯҳи устод шод, манзили охираташон обод бод.

**Ҳайати таҳририяти «Овози тоҷик».**

# ҲАР КАСЕ, КИ ДАР ГУЗАШТА БИМОНД, ОЯНДАИ ХУДРО АЗ ДАСТ МЕДИҲАД

(Аввалаш дар саҳ.3).

Аз гузашти таърих як чиз мусаллам аст. Табақаи зиёиён дар ҷомеа ҳеҷ гоҳ дар сафи пеш ҳам набуд ва дар сафи охир ҳам. Ҳамеша зиндагие дошт миёнаҳол, вале қадр дошту ҳурмату эҳтиром. Имрӯз шахсияти муаллим хеле костааст ва бӯҳрони омӯзгор фаро расида. Таназзули шахсияти омӯзгор танҳо дар кишвари мо не, балки ин ҷараён кулли мамолики ҷаҳонро ҷуз Ҷопон, Сингапур ва Хитой фаро гирифтааст. Омили ин ҳодисаи ногувор рушду равнақи шабакаҳои интернет мебошад. Дар вазъияте, ки «суръати рушд дар ҷаҳон хусусияти суръатнок касб намуд, таъсири ҷараёнҳои номуносиб мамлакати моро низ дар канор намегузорад», – гуфт Президент. Дар ин ҷараён ҳамеша вакилони аҳли зиё «бо қалб ва дили бедор ба майдон мардонавор баромадаанд». Омӯзгор ҳам ба ин тоифа шомил аст. Пас чӣ бояд кард?

Омӯзгор бояд аввал мавқеъ ва шахсияи худро дар ҷомеа пайдо кунад. Ҷопон ва Сингапур асосан туфайли меҳнати пурмашаққат ва самараноки омӯзгорон ба ин дараҷаи тараққиёт расидаанд. Омӯзгорон, ки эҳсосоти баланди ватандӯстӣ доранд, тавонистанд кадрҳои болаёқати бо замон ҳамнафасро тарбият намуда, ба камол расонанд. Давлат бе мутахассисони баландпоя рушду нумӯ намеёбад. Аз ин рӯ, дар ин кишварҳо қадри омӯзгор баланд аст.

Илм рушд мекунад. Техникаву технологияи нав дар соҳаи таълим ҷорӣ мешавад. Омӯзгор бояд ҳамқадами замон бошад. Оё кулли омӯзгорони мо ҳамқадами замон мебошанд? Не. Ҳастанд омӯзгороне, ки аз компутер истифода бурда наметавонанд. Китобу рӯзнома намехонанд. Боре дар мактабе будам. Соати аввал дар ҳамаи синфҳо дарси маънавият будааст. Ҷонишини директор оид ба корҳои тарбияи маънавӣ номи мавзӯъҳои дарсро аз чаҳор нафар роҳбари синф пурсид. Таассуфовар буд, нафаре ҳам аз онҳо мавзӯи дарсиашро намедонист. Зиёданд омӯзгорони фанние, ки бе омодагӣ ба дарс меоянд. Китобу рӯзнома намехонанд ва ҳатто ба дарси яксоатааш омодагӣ намебинад. Фаромӯш кардаанд, ки омӯзгор беомодагӣ ба дарс ояд, ӯ симои муаллимии худро гум мекунад. Омӯзгор бояд танбал набошад. Омӯзгор танҳо метавонад зимни омӯзиш, омӯзиш ва боз омӯзиш шахсият ва симои пешини худ (симои омӯзгори айёми шӯравӣ ва Ҷопону Сингапур)-ро пайдо кунад. Илм рушд мекунад. Бояд китобҳои илмии тахассусӣ ва бадеӣ, маҷаллаву рӯзнома хонад. Аз маводи шабакаҳои интернет огоҳ бошад. Бо техникаву технологияи замон ошно ва онҳоро мавриди истифода қарор дода тавонад. Чунки ҳар касе, ки дар гузашта бимонд, ояндаро аз даст медиҳад. Омӯзгорони ҷавон аз маводи шабакаҳои интернет истифода мебаранд, вале афсус на маводеро оиди тахассусии худ мехонанд. Хабар мехонанд ва ё ворид мешаванд ба бозиҳои шавқовар. Одам бо хабархонӣ ҳеҷ гоҳ донишманд намешавад. Ҷаҳонбинӣ ва дониши омӯзгор бояд дар ҳар ҳолат аз дигар табақаҳои ҷомеа як қадам дар пеш бошад. Мо муқобили истифодаи шабакаҳои интернет нестем. Аз он бо мақсади мушаххас самаранок бояд истифода бурд. Вале китоб китоб аст. Шабакаҳои интернет манфиати зиёд доранд, мусовӣ бо он ба сиҳатии инсон таъсири манфӣ ҳам доранд.

Китоб бӯй дорад, бӯйе, ки касро ҳаловат мебахшад. Бӯйи китоб хонандаро лаззат бахшида, эҳсосро бедор мекунад, яъне барои эҷод ва бунёдкорӣ ба роҳи дуруст ҳидоят мекунад. Китоб нур дорад, нуре, ки ба дилҳои торик равшанӣ мебахшад. Китоб дӯстест, ки:

*Ҳар лаҳза аз ӯ ба гӯшаи танҳоӣ,*
*Сад роҳат асту ҳаргиз озоре нест.*

Бе тарбиятгару омӯзгори пуриқтидор ҷаҳон тира аст. Ҷавононояндасози ҷомеа будаанду мебошанд. Муҳимтарин омили пешрафти иқтисодиёти Ҷопон омӯзгор буд. Омӯзгорони Ҷопон тавонистанд соҳибихтисосони бо замон ҳамқадамро тарбия кунанд. Ҳоло дар Ҷопон Рӯзи омӯзгор ҷашн гирифта намешавад, вале қадру эҳтироми омӯзгор аз кормандони вазорату вазирон кам нест. Омӯзгорони мо низ ба анъанаҳои миллиамон такя намуда, зимни омӯзиши таҷрибаи таълиму тарбияи давлатҳои пешрафтаи дунё фаъолияти худро роҳандозӣ созанд.

Кӯдак ва толибилми имрӯз аз кӯдакону хонандагони 25-30 сол пеш куллан фарқ доранд. Кӯдаку толибилми имрӯз аз техникаву технологияи замон хуб воқиф аст. Ҳатто зимни истифодаи воситаҳои техникӣ баъзе хонандагон аз баъзе омӯзгорон фаъолтаранд. Мавқеъ ва эҳтироми худро гум кардани аксар омӯзгорон ҳам аз ҳамин ҷо оғоз гирифтааст. Хонанда аз омӯзгор не, омӯзгор корбурди воситаҳои техникиро аз толибилм хоҳиш мекунад...

Ҳарчанд кӯдакон ва толибилмони имрӯз дар истифодаи воситаҳои техникӣ фаъол мебошанд, онҳо ҷаҳонбинии васеъ, нутқи равон надоранд, ҳатто ҷумлаеро беиштибоҳ тартиб дода наметавонанд, дар навиштани иншою нақли хаттӣ хеле оҷизанд. Асосан ба иҷрои амалиёти тест машғул. Хонандаи мактаби тоҷикӣ имрӯз доири Мирсаид Миршакар, Убайд Раҷаб, Аминҷон Шукӯҳӣ ва ҳатто оиди «Мактаби кӯҳна»-и устод Садриддин Айнӣ тасаввурот надорад. Он чӣ дар китоби таълимӣ дарҷ ёфтааст, онро мехонанд, вале аксарият чун омӯзгорон китоби бадеӣ намехонанд. Ҳама ба шабакаҳои интернет чун ширеш часпидаанд ва шояд аз оқибати ногувори он огоҳӣ надоранд. Волидон ва омӯзгорон, ки худ гирифтори ин бемориянд, огоҳӣ надоранд, ки толибилми кунуниро афсурдагӣ фаро гирифтааст. Бо вуҷуди ба сиёсати давлат табдил ёфтани китобхонӣ хонандаи имрӯз кам китоб мехонад. Вақти баъди дарси худро асосан бо телефону тамошои шабакаҳои интернет мегузаронад. Аз ҷониби касе назорат намешавад. Бо атрофиён мулоқот надоранд. Аз ҷамоа дурӣ меҷӯянд. Ана, ҳамин танҳоӣ ба афсурдагӣ мерасонад, ки фоли хуб нест.

Сарвари кишвар беҳуда таъкид надорад, ки «маънавият ба қувваи нав, ба ҷунбиши нав бояд табдил ёбад». Дастбакорони муассисоти кӯдакистону мактабҳо ва оила бояд гуфтаҳои Президентро ба шиори рӯзмарраи худ табдил дода, дар ташаккули маънавият ва маърифати насли ҷавон саҳм бигиранд. Китобхонӣ ояндаи миллат аст. Фикру зеҳнро бояд дигар кард. Муҳимтарин вазифаи таълим имрӯз тарбияи шахсият аст. Шахсият, ки ташаккул ёфт, фикру зеҳн дигар мешавад. Шахсияти ташаккулёфта бо рушди замон ҳамқадам ва ҳамнафас мегардад. Ин ашхос метавонанд дар рушду нумӯи кишвар саҳми мондагор дошта бошанд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Саттор ШЕРМАТОВ*

## РӮДАКӢ

*Нахустин бор дар қасри сухан ӯ,*
*Ниҳода хиштҳои шеъри тоҷик.*
*Даме ки мурғи табъаш нағмахон шуд,*
*Биборид офарин аз дуру наздик.*

*Кашидӣ бори маънӣ ҳар каломаш,*
*Арӯси шеърро зебо биёрост,*
*Ғазалҳояш равону дилнишинанд,*
*Рубоӣ, қитъаҳояш дурри яктост.*

*Нахустин бор ӯ аҳли ҷаҳонро,*
*Ба шеъри ноби тоҷик ошно кард.*
*Зи боми бас баланди ному шуҳрат,*
*Ба дуродури ин олам назар кард.*

*Таваллуд ёфт дар рустои Рӯдак,*
*Бухоро шеъри ӯро ошён гашт.*
*Амир султони шоирҳо бихондаш,*
*Каломи форсӣ гирди ҷаҳон гашт.*

*Агарчи нотавонбинон кашиданд,*
*Ба чашмаш мил, варо оҷиз намуданд.*
*Ба чашми дил ҷаҳонро бештар дид,*
*Аз он кӯрон, ки кӯри кӯр буданд...*

## МУШОИРАИ РАМЗӢ

*Маҳфили шеъру сухан болу пари афкори мост,*
*Шеър гуфтан одати халқи латифгуфтори мост.*
*Шамъи маҳфил дар қадим доим фурӯзон будааст,*
*Мурғи дил дар партаваш байту ғазалхон будааст.*

*Рӯдакӣ боғи суханро дар ҷаҳон бунёд кард,*
*Пири тӯсӣ* омаду ин боғро обод кард.*
*Меваҳои табъи Ҷомӣ бар шукӯҳи он фузуд,*
*Мурғи илҳоми Навоӣ дар ҳамин бӯстон суруд...*

*Рӯдакӣ бикшод маҳфилро ба байте обдор,*
*Аҳли маҳфилро писанд омад чу панди рӯзгор:*
*«Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон,*
*Бартар аз дидори рӯйи дӯстон».*

*Навбати Фирдавсӣ омад, гуфт пири достон,*
*Илму дониш мебарад бенардбон то осмон:*
*«Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад,*
*Зи дониш дили пир барно бувад».*

*Ҷомӣ ҳам дар пайравӣ қулфи дилашро боз кард,*
*Аз хирад, аз илму дониш ҳарфи худ оғоз кард:*
*«Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм,*
*Қуфлкушои ҳама дарҳост илм».*

*Бар Навоӣ чун расид навбат бигуфт ӯ бовиқор,*
*Эй хушо, ки халқҳоро дӯстӣ бошад шиор:*
*«Аҳли олам, душманӣ, донед, кори хуб нест,*
*Якдигарро дӯст бошед, иртифоъ аз дӯстист».*

** Абулқосим Фирдавсӣ*

***Аз забони ӯзбекӣ тарҷумаи***
***А. СУБҲОН.***




*Дар Бухоро бахшида ба хотираи ҷоизадори бозиҳои Осиёи Марказӣ, аъзои ҷамоаи яккачини Ӯзбекистон, ғолиби чандинкаратаи чемпионати Ӯзбекистон Азиз Воҳидов доир ба тенниси стол байни духтарону писарони аз 10 то 17-сола турнири хотиравӣ шуда гузашт. Дар мусобиқаи мазкур, ки бо ҳамкории Федератсияи тенниси столи вилоят ва Саридораи андози вилоят баргузор гардид, аз минтақаҳои мухталифи ҷумҳурӣ беш аз 110 нафар ҷавонон қувва озмуданд. 50 нафари онҳо духтарон мебошанд.*

*Дар хотима, вилояти Бухоро ба ҷойи якум, Самарқанд ҷойи дуюм, Тошканд ҷойи сеюм сазовор гардиданд.*

***Сурати ЎзА.***

# МАЪРИФАТИ ДИНӢ ГАРАВИ ОСУДАҲОЛИИ МАРДУМ АСТ

Имрӯз дар мамлакатҳои дунё бесарусомониҳо дар авҷанд, ки корҳои таблиғотии маърифати динӣ ва таҳаммулпазирӣ дар оштисозӣ ва ба созиш омадани онҳо нақши муҳим мебозад.

Аз ҷониби Кумита оид ба корҳои дин бахшида ба таҳлили фаъолият ва иҷрои вазифаҳои устувори Кумита дар соли 2023 брифинг баргузор гардид.

– Дар давоми соли 2023 бо ҳамкории кумитаи динӣ ва идораву вазоратҳои мутасаддӣ доир ба таҳкими баркарорсозии муҳити иҷтимоиву маънавӣ корҳои зиёд ба амал татбиқ гардиданд, – таъкид намуд роҳбари хизмати ахбори кумита И. Маърупов. – Аз ҷумла, соли гузашта қарори Девони Вазирон доир ба таъсис додани нишони сарисинагии «Таҳаммулпазирии динӣ» қабул гардида, 161 нафар намояндагони давлативу ҷамъиятӣ бо он тақдир шуданд. Доир ба такмили базаи ҳуқуқиву меъёрии соҳа як Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва ҷамъ 7-то қарор ва фармонҳои махсуси роҳбари давлат ва Девони Вазирон қабул карда шуд.

Дар корхонаву ташкилотҳо бо намояндагони соҳаи хидматрасонӣ, соҳибкорон, омӯзгорону донишҷӯёни муассисаҳои таълими олӣ ва хонандагони мактабҳои миёна дар асоси ғояи «бо маърифат бар зидди ҷаҳолат» чорабиниҳои маънавиву маърифатии зиёд баргузор гардид.

Ғайр аз ин, дар кори брифинг доир ба фаъолияти масҷидҳо низ маълумотҳо пешкаш гардид. Аз ҷумла, ҳоло дар сартосари мамлакат фаъолияти 2131 масҷид ба роҳ монда шудааст, соли 2023 13 масҷид аз рӯйихати давлатӣ гузаронида шуд. 82 масҷид азнав сохта ва дар 43 масҷид корҳои таъмирӣ ба анҷом расонида шудаанд.

Ҳоло дар сартосари ҷумҳурӣ 197 ташкилоти динии ғайриисломӣ амал мекунанд, инчунин соли гузашта дар шаҳри Ангрен калисои католикӣ низ аз рӯйихати давлатӣ гузаронида шуд.

Намояндагони конфессияҳои динӣ дар беш аз 50 чорабинии ҷумҳуриявиву байналхалқӣ ширкат варзиданд. Инчунин, дар баргузор намудани 14 ҷашни динӣ кумаки амалӣ расонда шуд, ки ҳамаи ин собит месозад дар кишвари мо ба таҳаммулпазирии динӣ эътибори аввалиндараҷа дода мешавад.

Соли 2023 мавсими зиёрати ҳаҷ ва умра дар савияи баланд ташкил карда шуд, аз ҷумла, 15150 нафар амали зиёрати ҳаҷ ва беш аз 43 ҳазор нафар зиёрати умраро адо намуданд.

– Ба номи Кумита аз ҷониби шаҳрвандон доир ба ҳаллу фасл намудани баъзе мушкилот муроҷиатҳо низ мерасанд, – гуфт ҳангоми ҳисобот И. Маърупов. – Дар давоми сол 1716 муроҷиат расид, ки ба 1135-тои он маълумоти ҳуқуқӣ дода, 396 тоаш ҳаллу фасли эҷобии худро ёфт. 132 муроҷиат аз сабаби дар он камбудиҳое, ки дар ҳуҷҷатҳо оид ба аз феҳристи давлатӣ гузаронидани ташкилоти давлатӣ мавҷуд буд, рад карда шуд. 53 муроҷиат ба ташкилотҳои ваколатдори давлатӣ равона гардида, 18-тои он дар ҷараёни омӯзиш қарор дорад.

**Набия НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# МЕРОСИ ПАДАРБУЗУРГ

Падарбузурги ман Аминҷон ибни Бозор ибни Тилло будааст. Ӯ барвақт вафот карда буд. Дар фабрикаи чойқадоқкунии Самарқанд кор мекард, се писар дошт, ки падарам Истад аз ҳама калонӣ буд. Баъди вафоти бобоям дар 17-солагӣ таъминоти рӯзгор ба зиммаи падарам меафтад. Вақте ман 3-4 сол доштам, модарбузурги ман Калонона зинда буд ва ман ба ӯ дастёрӣ мекардам.

– Аминҷонбобоят таомро бе ягон камбағал намехӯрд, саховатманд буд, аз бонки русӣ қарз мегирифту камбағалонро зиёфат мекард. Баъд қарзро ман медодам, – мегуфт падарам.

Бонкҳои Русияи подшоҳӣ қарзро бо фоизи калон медоданд.

Аз падарбузургам дар дашти Оҳалик якчанд гектар замини лалмӣ, дар деҳа токзори калон мерос мондааст. Падарам чун мебинад, бо ин мерос хӯроку пӯшоки оиларо таъмин кардан имконнопазир аст, дукони баққолӣ мекушояд. Ин амали ӯ замоне буд, ки болшевикон заминҳоро аз деҳқонон кашида гирифта, ба колхоз, яъне хоҷагиҳои ҷамъиятӣ медоданд. Болшевикҳо на танҳо заминҳои кораму токзор, аспу ароба, балки ягона гови ҷӯшоии падарамро низ мусодира кардаанд.

Чунин фоҷиа ба таъминоти ғизои хонавода таъсири бад дошт, бинобар ин аввал фарзанди аввали падарам Қимат ва баъд завҷаи ягонаи ӯ вафот мекунанд.

Баъд комиссияи кулаккунии болшевикон барои ба Сибир фиристодани падарам қарор мебарорад. Сабабаш дӯкони баққолӣ доштанаш будааст. Комиссия одатан шабона қарор бароварда ба милиса медодааст, то кулакшуда хабардор шуда нагурезад, саҳар ӯро аз ҷойи хобаш дошта, ба вагонҳои кулакшудагон ҳабс мекарданд.

Як узви комиссия аз одамони раҳмдил будааст, ӯ мегӯяд, ки Истад тоҷири боинсоф аст, вайро чанд бор санҷидаанд, ба маҳсулоти харидааш аз панҷ фоиз зиёд нарх намемонад.

Аммо аъзои дигари комиссия сухани ӯро ба эътибор намегиранд ва як нафаре мегӯяд, ки ӯ ароба низ дорад. Он узви раҳмдил шабона ба ҳавлии падарам омада огоҳ мекунад ва мегӯяд, ки ягона илоҷ ба ягон ҷойи дур гурехта рафтан аст.

Падарам ҳамон шаб ба сафар мебарояд. Ва дар истансаҳои роҳи оҳани Ашқобод – Тошканд корҳои гуногунро иҷро мекунад. Маблағи пайдокардаашро шабона омада, ба аҳли байташ дода, чашми рӯз накафида, боз ба ягон истанса меравад.

Ӯ дар як истгоҳ бо ҳамдеҳааш, ки корхоначаи хурде кушода ҳамроҳи 4-5 нафар шогирдон телпакдӯзӣ мекард, дучор мешавад, ки низ мисли падарам гуреза будааст. Падарам ва он телпакдӯз дар фабрикаи чой бо русҳо кор карда, русиро омӯхта буданд. Ба инжинер ё роҳбари истанса ин сифати онҳо хуш омада, бо онҳо суҳбат мекардааст. Рӯзе вай мегӯяд, ки дар истанса нарасидани об проблемаи калон. Як манбаи об ҳаст, вале қариб як километр дур. Бо ҷӯй об оварданӣ шудем, заминаш регзор, об то мо омада намерасид.

Дар деҳаи мо – Ӯташик хумдони хишти пухта ва зарфҳои кулолӣ будааст. Падарам ба ёд меорад, ки дар он хумдон барои тарнови бом аз лой қубур, яъне лӯлаи об низ сохта мепухтанд. Он вақт лӯлаҳои оҳанӣ ҳанӯз дастнорас будаанд.

Падарам мегӯяд, ки мо қубури сафолӣ сохта, обро бе талафот то истанса меоварем. Агар шумо ба мо хумдон созеду барои хумдон ангишт диҳед. Ин пешниҳоди ӯро урус бо хурсандӣ мепазирад. Ва кор авҷ мегирад. Қубурчаҳои сафолии якметраи даҳани як тарафаш васеъ сохтаанд, то ба ҳамдигар пайванд карданаш осон бошад.

Он инжинери урус доим мегуфтааст:

– Ман ба шумо қоил. Ҳамин фикр ба сари ман наомада буд, вале ду тоҷики нохонда ин масъалаи мушкилро ҳал кардед.

Баъди он, ки маъракаи кулаккунӣ ба охир расиду комиссияҳои кулаккунӣ барҳам хӯрданд, падарам ва устои телпакдӯз ба деҳа бармегарданд ва ба колхоз медароянд.

Ҳавлии телпакдӯз аз шаш хона иборат буд, болшевикон онро ба мактаби деҳа дода буданд. Ман чор соли аввал дар ҳамин мактаб, ки фаршаш хокӣ буда, тирезачаҳои хурде дошт, таҳсил кардаам.

Падарам дар бораи солҳои қаҳтӣ, ки болшевикон бо баҳонаи сиёсати продразветка аз деҳқонҳо ҳосили гандумро кашида мегирифтаанд, нақл намекард. Барояш нақли он солҳои мудҳиш, ки мардум дар кӯчаҳо тӯдатӯда аз гуруснагӣ варам карда мемурданд ва он солҳо як фарзанду зани аввалаш фавтида буданд, хеле гарон буд. Танҳо боре гуфта буд, ки камтар бошад ҳам кунҷора хӯрдем. Дар ҷанг моро бе машқи пешакӣ бидуни омӯзондани тирпарронӣ ба хандақ даровардanд ва бисёр ҳамватанонамон ба ин сабаб қурбон шуданд.

Соли 1953-ро дар ёд дорам, ки мардум вафоти Сталинро шунида гиря мекарданд.

Падарам дар чойхонаи гузар ин хабарро шунида, ба хона омада гуфт: – Хайрият, ки Худо ҷони Сталинро гирифт.

Саховатмандии бобоям ба падарам мерос монда буд. Масалан, агар ягон кас, қатъи назар аз кадом миллат аст, дар чойхона нишаста чой хӯрда, пули чойро надода равад, чизе намегуфт. Ба ман низ мегуфт, ки барои 5-10 тин одамро дар хиҷолат монондан хуб нест. Эҳтимол фаромӯшхотир бошад, ё пул надоштагист.

Буданд касоне, ки баъзан чойнику пиёларо ба сумка андохта мебурданд. Падарам дар ин маврид низ ором буд ва мегуфт: – Шояд камбағал бошад, эҳтиёҷ доштагист. Савобаш ба мо мерасад.

Ман аз хонаамон чойники дигар оварда ба ҷойи он мемондам, зеро ҳангоми тафтиш, падарамро ҷавобгар мекарданд.

Падарам 5 августи соли 1978 вафот кард. Рӯзҳои охири умр бистарӣ буд. 83 сол дошт. Ман ба рухсатӣ баромада, аз Душанбе ба Самарқанд омада бемордорӣ кардам. Шабҳо хобаш намебурд, дардаш зӯр буд. Ман низ дар натиҷаи як моҳи бехобӣ хеле азоб кашидам. Падарам мегуфт, агар азобҳои дар замони пеш кашидааш намебуданд, камаш сад сол умр медид. Воқеан, қоқандому чандир буд. Ёд дорам, вақте як ҳамдеҳаамон – ҷавони сархуш оби ҷӯйи моро дуздида, дашном дод, падарам ӯро, ки қаддарозу боқувват буд, аз миёнаш гирифта, ба даруни ҷӯйи пуроб зада буд.

Дар фотеҳахонӣ як устои наҷҷор, ки дар сохтмони иморатҳо бо падарам ҳамкор будааст, пеш аз рафтанаш ба ман гуфт: – Инҳо одамони куҳна, ҷанги меҳмонхона хӯрда буданд, покиза буданд. Навбуромадҳо дигар хеланд. Ҳамин гап дар ёдат монад.

Ҷанги меҳмонхона хӯрдан ба маънои он аст, ки дар ҳар гузару деҳи Самарқанд чандин меҳмонхона буду шабҳои дароз дар он «Шоҳнома», «Абӯмуслимнома», «Маснавӣ» барин асарҳоро хонда гӯш мекарданд.

**Адаш ИСТАД,**
**нависанда.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-128.
Адади нашр 262. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: С. Бекназарова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 23.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.